**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**
**Мӯминзода Ш.А. ________**
**«__» ______________ соли 2025**

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Қаҳоров Насимҷон Мазбутович дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омада карда шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Қаҳоров Насимҷон Мазбутович доктаранти кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Қаҳоров Насимҷон Мазбутович фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2008 дар Донишгоҳи илмҳои иҷтимоии шаҳри Маскав, ба ҳайси омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистика, солҳои 2012-2014 муаллими ҳамкори кафедраи фанҳои давлатӣ - ҳуқуқи факултети № 4 академияи ВКД ҶТ, солҳои 2015-2018 муаллими калони кафедраи ҳукуки ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии факултети № 4 академияи ВКД ҶТ, солҳои 2019-2020 дотсенти ҳамкори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии факултети № 4 академияи ВКД ҶТ, аз 25 августи соли 2019 то 24 августи соли 2021 дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, аз 25 августи соли 2021 то 25 августи соли 2023 муовини декани факултети ҳукушиносӣ оид ба илм, аз 26 августи соли 2023 то ҳол мудири кафедраи ҳукуки судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият бурда истодааст.

Соли 2019 дар назди Шӯрои дифои номзадӣ ва докторӣ Д. 12.18 567 дар назди Донишгоҳи миллии Қирғизистон ба номи Юсуф Баласагин ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Қирғизистон ба номи

генерал- майор Э.А. Алиев, ки аз тарафи КОА Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ карда шудааст, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Основы состязательности в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: теоретико-правовой аспект» таҳти роҳбарии д.и.ҳ., профессор Сайфутдинов Т.И. бо муваффақият дифоъ намуда, соҳиби унвони илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ гардидааст.

Соли 2020 бо назардошти дастовардҳои ноилшуда дар самти илмию таълимӣ Қаҳоров Н.М. бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ ғолиби озмуни дохили донишгоҳии «Олими соли 2020 дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ» гардидааст.

Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, таҳти № 2 ба Қаҳоров Насимҷон Мазбутович унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқ дода шудааст.

Тибқи қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2025 № 780 ба Қаҳоров Насимҷон Мазбутович аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Қаҳоров Н.М. муаллифи ду китоби дарсӣ бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия гардида, 15 дастури таълимӣ-методӣ, се монографияи илмӣ ва зиёда аз 115 мақолаи илмӣ мебошад.

Барои иштироки фаъолона дар чорабиниҳои факултет, донишгоҳ ва берун аз он бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифтихорномаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илмӣ вилояти Суғд, сипосномаи Кумитаи иҷроияи ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, сипосномаи ректори донишгоҳ ва факултет сарфароз гардонида шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 29 феврали соли 2020 №7 ва дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020 № 7 тасдиқ шудааст.

**Мушовири илмӣ:** Искандаров Зайниддин Ҳамидович доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Қаҳоров Насимҷон Мазбутович дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 27 ноябри

соли 2025 №4 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, ба ташхис ва ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Қаҳоров Насимҷон Мазбутович дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Қаҳоров Н.М., дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-январи соли 2022, таҳти №15/ ш/д, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо амалишавии Барномаҳои давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон (2007-2021) ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028), Консепсияи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон робита дорад.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Муҳаққиқ оид ба мавзуи диссертатсия 55 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 18 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 16 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки саҳми он дар рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, бахусус ҳангоми баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз лиҳози васеъ ва амиқ намудани донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ бешубҳа бузург аст. Натиҷаҳои дар рисола ба даст овардашуда метавонанд

минбаъд мавриди омузиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гиранд ва замина барои дигар корҳои илмию таҳқиқотии дар ин самт муҳаё созанд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои диссертатсия дар бартараф намудани монеаву норасоиҳо ҷиҳати амалӣ гардидани принсипҳои асосии конститутсионии адолати судӣ – дастраси ба ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ошкоро будани муҳокимаи судӣ, мустақилияти суд ва ба қонун итоат кардани онҳо иборат мебошад. Диссертатсия дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» метавонад ба рушду такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз он ҷумла дар самти баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ таъсири мусбати мустақим расонад.

Ҷанбаҳои иҷтимоии диссертатсияро таъмини ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ кафолат медиҳад, ташкил медиҳад.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии диссертатсияи Қаҳоров Н.М., дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода мегардад. Дар маҷмуъ аз ҷониби муҳаққиқ дар доираи таҳқиқоти илмӣ зиёда аз 40 пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ, амалӣ ва меъёрӣ ҷиҳати такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ манзур шудаанд, ки бо мурури пешрафти низоми қонунгузорӣ ва ҷомеа ва давлат ин икдомҳо айни муддао дониста мешаванд.

Муаллиф мафҳумҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ҳадди муҳокимаи судӣ ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судиро мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаи худро ба таври зайл: бевосита, ошкоро ва тарзи шифоҳии баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар маҷлиси судӣ бо шартҳои дигари муҳокимаи судӣ умумияти хоса дошта, ба ҳам пайвастагӣ ва иҷроиши пайдарҳами қоидаҳои мурофиавиро таҷассум мекунанд, ки онҳо шароиту низоми баргузории муҳокимаи судиро инъикос намуда, механизми таъсиррасонии меъёрҳои мурофиаи ҷиноятиро нисбати иштирокчиёни он ифода менамоянд. Дар амал пайваста татбиқ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки дар меъёрҳои қонунгузорӣ

пешбинӣ шудаанд, қодиранд баробарӣ ва мубоҳисаи тарафҳо, иштироки онҳоро дар маҷлиси судӣ, амалишавии кафолатҳои мурофиавӣ ва риояи тартиби ягонаю умумии мурофиавӣ дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва қонуниятро тақвият бахшад, мушаххас пешниҳод менамояд.

Диссертант истилоҳоти «баробарии тарафҳо ва мубоҳиса», «ҳадди муҳокимаи судӣ», «мурофиаи ошкорои судӣ» ва шартҳои дигари муҳокимаи судиро тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода, дар натиҷа хулосаҳои дақиқро мутобиқ ба самаранокии риояи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, пешбарӣ менамояд. Ҳамзамон диссертант қайд менамояд, ки шартҳои умумии таҳқиқшаванда ҷузъи асосии амалияи баргузории маҷлиси судӣ буда, ҳадафу вазифаҳо ва принсипҳои мурофиаи ҷиноятиро муттаҳид мекунад.

## I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М]** Кахоров Н.М. Развитие состязательности в отечественном уголовном процессе и формы реализации процессуальных функций [Текст] / Н.М. Кахоров // Наука и новые технологии. Выпуск № 9. – Бишкек, 2012. – С.151-153. (0,18 п.л.) ISSN 1026-9045.

**[2-М]** Кахоров Н.М. О началах состязательности в уголовном процессе пост-советского Таджикистана [Текст] / Н.М. Кахоров // Наука и новые технологии. Выпуск № 9. - Бишкек, 2012. – С.159-162. (0,25 п.л.) ISSN 1026-9045.

**[3-М]** Кахоров Н.М.Вопросы реализации принципа состязательности в уголовном процессе Таджикистана [Текст] / Н.М. Кахоров // Известия вузов Выпуск №4 Бишкек, - 2013. – С. 224-226. (0,18 п.л.) ISSN 1026-9045.

**[4-М]** Кахоров Н.М. Принцип состязательности и развитие демократических начал уголовного судопроизводства Республики Таджикистан [Текст] / Н.М. Кахоров // Вестник Академии Министерства ввнутренних дел Кыргызской Республики «Уголовно-процессуальное законодательство: вопросы теории и правоприменения» Выпуск № 1, Бишкек, - 2015. – С. 79-83. (0,31 п.л.) ISSN 1694-5395.

**[5-М]** Кахоров Н.М. Вопросы участия сторон в процессе доказывания как элемент внутреннего параметра состязательности [Текст] / Н.М. Кахоров // Вестник Академии Министерства ввнутренних дел Кыргызской Республики «Уголовно-процессуальное законодательство: вопросы теории и правоприменения» Выпуск № 1, Бишкек, - 2015. – С. 164-167. (0,25 п.л.) ISSN 1694-5395.

**[6-М]** Кахоров Н.М. Вопросы расширения состязательных начал отечественного уголовного судопроизводства [Текст] / Н.М. Кахоров // «Учёные записки» Худжандского государственного университета имени

академика Бабаджана Гафурова. Выпуск № 3 (44), Худжанд 2015г. – С. 63-66. (0,25 п.л.) ISSN 2077-4990.

**[7-М]** Кахоров Н.М. О правовых категориях состязательности как принципа уголовного процесса [Текст] / Н.М. Кахоров // «Учёные записки» Худжандского государственного университета имени академика Бабаджана Гафурова. Выпуск № 4 (45), Худжанд 2015. – С. 60-65. (0,31 п.л.) ISSN 2077-4990.

**[8-М]** Кахоров Н.М. Актуальные проблемы уголовно-процессуального права в Кыргызской Республике на современном этапе [Текст] / Н.М. Кахоров // «Учёные записки» Худжандского государственного университета имени академика Бабаджана Гафурова. Выпуск № 1 (46), Худжанд, 2016. – С. 35-38. (0,25 п.л.) ISSN 2077-4990.

**[9-М]** Кахоров Н.М. Уголовное преследование в реализации задач уголовного судопроизводства [Текст] / Н.М. Кахоров // Вестник Кыргызского национального университета им. Ж. Баласагына. Выпуск № 1,2 (101/102) Бишкек, 2020. – С.102-107. (0,37 п.л.)ISSN 1694-8033.

**[10-М]** Қаҳоров Н.М. Риояи меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ № 1(82) – 2020. – С.141-149. (0,5 ҷ.ч.) ISSN 2411-1945.

**[11-М]** Қаҳоров Н.М. Таҳлили назариявӣ – ҳуқуқии асосҳои гумонбарӣ ва асосҳои воқеии дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ 3(39) Душанбе, - 2021. С. 164-168. (0,31 ҷ.ч.) ISSN 2305-0535.

**[12-М]** Кахоров Н.М. Конституционные принципы правосудия по уголовным делам (по законодательству Республики Таджикистан) [Текст] / Н.М. Кахоров // Вестник Кыргызского национального университета им. Ж. Баласагына. Выпуск №2 Бишкек, - 2023. – С.226-230. (0,31 п.л.) УДК:343.67.410.2.

**[13-М]** Қаҳоров Н.М. Таҳлили амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ 2(50) Душанбе, - 2024. С. 138-142. (0,31 ҷ.ч.) ISSN 2305-0535.

**[14-М]** Қаҳоров Н.М. Таҳлили назариявии боздоштани пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ» № 4 (56), Душанбе, - 2024. С.321-327 (0,43 ҷ.ч.) ISSN 2410-2903.

**[15-М]** Искандаров З.Х., Қаҳоров Н.М. Таъмини кафолатҳои мурофиавии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар (тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, Н.М. Қаҳоров // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2025. № 4 (68). – С.45-51.

**[16-М]** Қаҳоров Н.М. Аҳаммияти принсипи қонуният дар самти иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] /

Н.М. Қаҳоров, Насимӣ Гулҷаҳон // Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ» № 4 (60), Душанбе, - 2025. С.408-414 (0,43 ҷ.ч.) ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

[17-М]. Кахоров Н.М. О доказывания в рамке принципиальных требований уголовно-процессуального права [Текст] / Н.М. Кахоров // Материалы "Верховенства закона – основа укрепления государственно независимости" Выпуск № 6 Худжанд, 2013. – С. 84-94 (0,68 п.л.) UBN 978-99947-965-4-0.

[18-М]. Кахоров Н.М. О реализации принципа состязательности и равноправия сторон в уголовном процессе [Текст] / Н.М. Кахоров // «Верховенства закона – основа укрепления государственно независимости» Выпуск № 6 Худжанд, 2013. – С. 101-107 (0,5 п.л.) UBN 978-99947-965-4-0.

[19-М] Қаҳоров Н.М. Моҳияти ҳуқуқ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар замони муосир [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи чорабиниҳои илмӣ ва илмию назариявӣ Форуми илмии донишгоҳии "Қонуният ва низом дар идораи давлатӣ" бахшида ба хотираи Нурулло Ҳувайдуллоев – аввалин прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишгоҳи давлатии Данғара Кулоб 2020. С.111-115 (0,31 ҷ.ч.).

[20-М] Қаҳоров Н.М. Доир ба шакл ва мазмуни санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи Конференсияи анъанавии илмӣ-амалӣ профессорон ва муҳақиқони ҷавон таҳти унвони "Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ", ДДҲБСТ. - Хуҷанд, 2020. - С.3-6: (0,25 ҷ.ч.). ISSN 978-99975-58-25-1.

[21-М] Қаҳоров Н.М. Прокурор дар раванди амалишавии меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи Конференсияи анъанавии илмӣ-амалӣ профессорон ва муҳақиқони ҷавон таҳти унвони "Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ" ДДҲБСТ. - Хуҷанд 2020. С.67-71. (0,31 ҷ.ч.). ISSN 978-99975-58-25-1.

[22-М] Қаҳоров Н.М. Шакл ва мазмуни фикри айбдоркунӣ ҳамчун санади мурофиавӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи Конференсияи анъанавии илмӣ-амалӣ профессорон ва муҳақиқони ҷавон таҳти унвони "Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ" ДДҲБСТ. - Хуҷанд 2020. С.62-66. (0,31 ҷ.ч.). ISSN 978-99975-58-25-1.

[23-М] Қаҳоров Н.М. Доир ба аҳамияти маълумоти воқеи дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмию-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба "Ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар" дар мавзуи "Татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот" филиали донишгоҳи

технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара. - 2020. С.231-236. (0,37 ҷ.ч.).

[24-М] Қаҳоров Н.М. Доир ба масъалаҳои мурофиавии боздоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон: Маводи 3-юмин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ. – Душанбе, 10 декабри с.2020. Шуъбаи ташкили-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С. 268-272. (0,31ҷ.ч.).

[25-М] Қаҳоров Н.М. Зарурияти такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи Маҷмуаи мақолаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсияи байнидонишгоҳӣ бахшида ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021. - С.80-87. (0,5 ҷ.ч.). ISSN 978-09975-374-1-6.

[26-М] Қаҳоров Н.М. Талаботҳо оид ба риояи қонун ҳангоми оғози парвандаи ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи Маҷмуаи мақолаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсияи байнидонишгоҳӣ бахшида ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Хуҷанд 2021. - С.74-79. (0,37 ҷ.ч.).ISSN 978-09975-374-1-6.

[27-М] Қаҳоров Н.М. Муаммоҳои назорати прокурорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ: Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Исфара, 2021.–С.210-216. (0,43 ҷ.ч.).

[28-М] Қаҳоров Н.М. О необходимости совершен-ствования мер по пресечению и предупреждению преступлений [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содироти ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ: Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Исфара, 2021. - С.247-254 (0,5 ҷ.ч.).

[29-М] Қаҳоров Н.М. Такмил додани фаъолияти мақомоти прокуратура дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Таъмини волоияти қонун – самти асоси фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд, 2021 - С. 132-138. (0,43 ҷ.ч.).

[30-М]. Қаҳоров Н.М. Фаъолияти муосири прокуратура дар самти риоя ва иҷрои дақиқи қонунҳо [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Таъмини волоияти қонун –самти асосии фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Хуҷанд, 2021 - С. 138-145. (0,5 ҷ.ч.).

[31-М] Қаҳоров Н.М. Асосҳои ҳуқуқии иштироки прокурор дар мурофиаи конститутсионӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи

донишгоҳии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 27 - солагии қабули конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021. - С.175-185. (0,62 ҷ.ч.). ISSN 978-99975-70-55-0.

[32-М] Қаҳоров Н.М. Адолати судӣ дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи донишгоҳии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 27- солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд, 2021. - С.186-193. (0,5 ҷ.ч.). ISSN 978-99975-70-55-0.

[33-М] Қаҳоров Н.М. Ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун самти асосии фаъолияти мақомоти прокуратура [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Таъмини волоияти қонун-самти асоси фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021. – С. 112-120. (0,56 ҷ.ч.). УДК 347.9 ББК 67.72.

[34-М] Қаҳоров Н.М. Мавзӯи назорати прокурорӣ дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Таъмини волоияти қонун-самти асоси фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд, 2021 – С. 121-132. (0,75 ҷ.ч.). УДК 347.9 ББК 67.72.

[35-М] Қаҳоров Н.М. Принцип справедливости в отечественном уголовном судопроизводтсве [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон бахшида ба ифтихори ҷашни 35 – солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли маърифати ҳуқуқӣ ва Рӯзи илми тоҷик. (19 апрели соли 2024) Хуҷанд, 2024 – С. 10-15. (0,37 ҷ.ч.). ТДУ 378 ТКБ 74.58.

[36-М] Кахоров Н.М. Конституционные принципы правосудия в уголовном судопроизводстве [Текст] / Н.М. Кахоров // Материалы дистанционной международной научно-практической конференции, приуроченной к 55-летию Карагандинской академии МВД Республики Казахстан им. Б. Бейсенова. Проблемы и перспективы совершенствования законадательства и правоприменительной практики органов внутренних дел. Караганда 30 октября 2024 г .- С.41-45 (0,31 п.л.).

[37-М] Қаҳоров Н.М. Бевосита ва шифоҳӣ баргузоршудани муҳокимаи судӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ "Илми тоҷик: имруз ва фардои он" Бахшида ба рузи илми тоҷик ва солҳои рушди иқтисодӣ ва иноватсия – ш. Хуҷанд 25 апрели соли 2025 С.41-45 (0,31 ҷ.ч.).

[38-М] Қаҳоров Н.М. Аҳамияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи 4-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. Дар мавзуи "Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он" бахшида ба Рузи илми тоҷик ва гиромидошти ёди Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, д.и.ҳ., профессор Р.С.Мулкаев.– Душанбе, 10 декабри с.2025.

Шуъбаи ташкили-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С. 262-266. (0,5 ч.ч.).

[39-М] Қаҳоров Н.М. Мафҳум ва мазмуни далелҳо, мавқеи он дар назарияи далелҳо [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи 4-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. Дар мавзуи "Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он" бахшида ба Рузи илми тоҷик ва гиромидошти ёди Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, д.и.ҳ., профессор Р.С.Мулкаев.– Душанбе, 10 декабри с.2025. Шуъбаи ташкили-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С. 258-266. (0,5 ч.ч.).

[40-М] Қаҳоров Н.М. Таъмини дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони "Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон" бахшида ба амалишавии "Стратегияи рушди иқтисодӣ "Сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027" ва Рӯзи илми тоҷик (23 апрели соли 2025) Хуҷанд, 2025 – С. 268-272. (0,5 ч.ч.).

[41-М] Қаҳоров Н.М. Тағйирнопазирии ҳайати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд [Матн] / Н.М. Қаҳоров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Иттилоотонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ" бахшида ба солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (01 ноябри соли 2025) Хуҷанд, 2025 – С. 202-206. (0,5 ч.ч.).

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Қаҳоров Н.М., дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ҷавобгуи талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мебошад.

2. Диссертатсияи Қаҳоров Н.М., кори илмӣ- тахассусии анҷомёфта буда, мавзуъ ва мазмуни он ба шиносномаи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқ мебошад.

3. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо амалишавии Барномаҳои давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон (2007-2021) ва Консепсияи сиёсати

ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028), Консепсияи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон робита дорад.

4. Диссертатсияи Қаҳоров Н.М., дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулосаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба муҳокимаи рисолаи илмии Қаҳоров Насимҷон Мазбутович дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тасдиқ карда шавад.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 19 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Суратҷаласа аз 27 ноябри соли 2025, №4.

**Раиси ҷаласа,**
**декани факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ,**
**н.и.ҳ., дотсент** **Кенҷазода Ш.Ю.**

**Котиби ҷаласа,**
**н.и.ҳ., дотсенти кафедраи**
**ҳуқуқи судӣ ва назорати**
**прокурории ДДҲБСТ** **Абдуллоева М.К.**

**Имзои Қаҳоров Н.М. ва Абдуллоева М.К.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ**
**“27.” 11. с. 2025** **Бобоев А.Х.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, ДДҲБСТ.
Тел.: 342223811